# Динро воситаи амалҳои нопок набояд сохт

(ё ба сиёсату тиҷорат табдилдиҳии дин)

Дар ташаккул ва рушди ҷамъияти муосир дин ҳамчун институти иҷтимоӣ - таъминкунандаи рафтори муносиби одамон нақши калон мебозад. Дин аз замони пайдо намудани нуфузу эътибор ба ҳайси низоми меъёрию танзимӣ, ҷорикунандаи принсипу маҳакҳои танзимкунандаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва илмию ирфонӣ баромад мекарданд. Нақши динро ҳамчун омили ҳамгироии ҷамъият, дастгирикунандаю ҳифзкунандаи тамомияту устувории он борҳо таърих собит сохтааст. Мутаассифона, тавассути дин баъзе қувваҳо мекушанд дар ҷамъият тафриқа андохта, оромии онро халалдор намоянд. Байни мазҳабҳою равияҳо ихтилофот андозанд, нияти ҳукмрон шуданро доранд ва ин корро давом додан мехоҳанд.

Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар роҳи татбиқи ҳадаф ва иқдомҳои созандаи худ баҳри таъмини амнияти ҷамъиятӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад. Бо шарофати Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари азизамон сулҳ ва шукуфоӣ ҳукмрон аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 99%-и аҳолӣ мусулмонон аст, дини ислом мавқеи хосае дорад. Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳукумати кишвар дар самти таъмини озодии виҷдон корҳои назаррас ба анҷом расиданд. Донишкадаи исломӣ ифтитоҳ гардид. Ин қадар масҷиде, ки дар Тоҷикистон сохта шуд, аз ҳамаи масҷидҳои дар вақти СССР сохташудаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна зиёд мебошад. Имсол яке аз масҷиди калонтарин дар Осиёи Марказӣ дар ш. Душанбе сохта ва ба истифода дода шуд. Рӯзҳои Идҳои Рамазону Қурбон истироҳат эълон карда шуданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 Соли Имоми Аъзам(Абуҳанифа(с.699-767) эълон гардид. Вобаста ба инрӯйдоди таърихӣ дар ш.Душанбе симпозиуми байналмиллалӣ ифтитоҳ ёфт. Минбарҳои телевизионҳои давлатӣ барои

баромадҳои ходимони дин барномаҳо ҷудо намуданд ва як қатор корҳои дигар ба анҷом расид.

Ба ҳамаи ҳамин нигоҳ накарда, мутаассифона нотавонбиноне ҳастанд, ки ин корҳоро ба назар намегиранд, ба ҷониби ҳукумат тӯҳмату маломат ва норозигӣ баён мекунанд. Онҳо аз номи дин суистифода бурда, ҳизбу ҳаракатҳои худро ташкил менамоянд. Ба ин восита мехоҳанд мақсадҳои ғаразноку нопокашонро баҳри ба даст овардани ҳокимият истифода баранд. Барои амалишавии ин ниятҳои ифлосашон аз ягон роҳу усул рӯй намегардонанд.

Терроризм ва эктремизм яке аз зуҳуроти номатлуби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор рафта, боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш, таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ расонидани зарари вазнини рӯҳонию ҷисмонӣ, таҷовуз ба ҳаёти инсон, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионии кишварҳои ҷудогона, ғасби ҳокимият, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ гардидааст. Терроризм ва экстремизм дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа махсусан миёни ҷавонон, яке аз муаммоҳои меҳварии ҳаёти башарият буда, оқибат ба бесуботи ва вайронкорӣ меорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи солҳои охир дар қисме аз давлатҳои дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҷараёну гурӯҳҳои динӣ-ифротгароӣ пайдо шуда, дар зери ниқоби дини Ислом фаъолият мекунанд. Ҳизбҳо ва ҷараёнҳои динии ифротгаро ТТЭ ҲНИ, «Ҳизб-ул-Таҳрир», «Салафия», «Ҷамъияти таблиғ», «Ҷамъияти Ансоруллоҳ», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва ғайра, ки имрӯзҳо ба таври пинҳонӣ фаъолият мекунанд, мақсади асосиашон ҷудоиандозӣ дар байни ҷомеа, махсусан ҷавонон, халалдор намудани тинҷию оромии кишварамон мебошанд.

Бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилоти террористию экстремистии ҳизби наҳзати ислом ва ТТЭ «гурӯҳи 24» ва дигар тшкилотҳои ба инҳо монанд манъ карда шуданд. Онҳо

тарафдорони худро дар хориҷи кишвар ба ҳар роҳу восита ҷамъ оварда, тавассути шабакаҳои интернетӣ барои паҳн намудани ғояҳои бардуруғ, тӯҳмату бӯҳтонҳояшон нисбат ба Тоҷикистони азизамон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро истифода мебаранд.

Онҳо хато мекунанд, намедонанд, ки мардуми Тоҷикистон дигар фирефтаи сафсатаҳои онҳо намешаванд, кӣ будану чӣ мақсад доштанашонро хуб дарк намудаанд. Дигар аз номи дин гап задан, динро ҳамчун воситаи амалишавии ниятҳои ғаразноки худ истифода бурдан маъно надорад. Мардум диданд, фаҳмиданд ва хулоса баровардан, ки созмонҳое, ки номи динро «болопӯш»-и идеяҳои ифротгароию экстремистӣ намуда, амалҳои нопоку ғализашонро ҷорӣ месозанд, оқибат несту нобуд шуда рафтанд. Тавассути терроризму экстремизм ин созмонҳои бадхоҳ мехоҳанд, ки мардумро тарсонанд, аммо халқ онҳоро чоряк аср пеш фаҳмиданд, ки чӣ ниятҳои бад доранд.

Аз ин рӯ, чунин зуҳуроти ҷиноятҳои муташаккил, ба монанди терроризм ва экстремизм ҳамчун падидаи муосири хатарнок ва ҳатто пешгӯйиаш мушкил, ҳисобида мешаванд, ки бо таҳдиди микёсӣ дар шаклҳои гуногун амал мекунанд.

Меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ доштаро пешбинӣ намудааст.

Мувофиқи Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо терроризм ва ифротгароиро ҳамчун вазифаи муҳими таъмини амнияти миллӣ, бо тамоми ҷаҳониён баррасӣ намуда, барои тақвият бахшидани фаъолият, дар ин самт ҳамкориҳоро ривоҷ медиҳад.

Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари терроризм ва экстремизмро аз хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир номида, гуфтанд, ки онҳо ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра, таҳдид карда, барои башарият хатаре на камтар аз силоҳи

ядроиро ба миён овардааст. Ин гуфтаҳо моро водор месозанд, ки барои пешгирии ин вабои аср тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоем, ҷаҳду талоши худро барои сари вақт ошкор намудани аъзо, нақшаву мақсадҳои гурӯҳҳои ифротгаро равона намоем.

Давлат намозхонӣ, тоату ибодати Худовандро манъ накардааст. Баръакс кӯшиш менамояд, ки шароити онҳоро фароҳам оварад, ба мисли ҳангоми маросимҳои динӣ тартиботи ҷамъиятиро таъмин менамояд. Мутаассифона, баъзе аз намозгузорон (баъзе ҷавонон) бо як тарзи худнамоёна риш монда, рафторҳое мекунанд (ба мисли дар назди масҷидҳо мошинҳои худро бетартиб мондан), ки тартиботи ҷамъиятиро монеъ мешаванд. Ибодату намозхонӣ набояд ба худнамоӣ табдил ёбад, набояд ба хурофотпарастӣ барад, ҷавонон набояд идеяҳои ифротгарориро пеша намоянд (ба қавле «фанатик» шаванд). Ҳодисаҳои мудҳиши давлатҳои Ироқ, Сурия ва Яман нишон дода истодаанд, ки чӣ қадар ҷавонон фирефтаи гурӯҳҳои террористию экстремистӣ шуда, бо умеди «шаҳид» шудан ва ба «биҳишт» рафтан, ҷони худро аз даст доданд, ҳамсаронашонро дигар террористон ба занӣ гирифтанд, фарзандонашон ятим монданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути робитаҳои дипломатӣ, занону фарзандони бепарастормондаи онҳоро аз минтақаҳои ҷангзада ба Ватан баргардонида, онҳоро ба ҳаёти осоишта ва таълиму тарбия фаро гирифта истодааст.

Ба ҷуз ин, имрӯз бархе аз шаҳрвандон, ки ягон мактабу мадраса ё таълимгоҳи расмӣ ва эътирофгаштаи диниро хатм накарда, ҳатто зеҳни заруриро, ки чунин таълимгоҳҳои динӣ, ҳадаф қарор додаанд, аз бар накарда, касби муллогиро пеша намудаанд. Ҳазар аз чунин чаласаводҳо, ки имрӯз шуури ҷомеаро халалдор месозанд. Зеро чунин муллоҳо, ки саводи хуби диниро надоранд ва аз фарҳанги исломӣ тамоман дуранд, худро аз аҷдоду авлодҳои эшон ва эшонзодаҳо хонда, ба обрӯи дини мубини ислом амалҳои номатлуб содир карда, зарар мерасонанд. Яке аз чунин амалҳои номатлуби ҳамин гуна муллоҳои чаласавод, ки ба худ

матлаб сохтаанд, «савдо»-и дин аст. Дар ҳадисҳои Пайғамбар чунин амал яке аз гуноҳои азим ва андӯҳгин шинохта шудааст. Ва ҳатто яке аз сабабҳои аз дини мубини ислом дур намудани чунин ашхос хонда шудааст. Зеро масъулияти мулло шудан ва ба чунин фаъолияти рӯҳонӣ машғул шудан, нозукиҳои хешро дорад, ки, мутаассифона, баъзе тоҷир-муллоҳои имрӯза аз онҳо дарак надоранд. Агар дарак дошта бошанд ҳам, онро ба манфиати мардум ҳеҷ гоҳ истифода намебаранд. Зеро дар ҳолати ошкор шудани чунин маҳдудиятҳои ҳаёти динӣ, мардум аз онҳо рӯй мегардонад, онҳо аз луқмаашон, ки бо роҳи фиреб ба даст меоварданд, маҳрум мегарданд. Ба замми он, эътибори худро пурра аз даст медиҳанд.

Ба тиҷорат табдил додани дин хеҷ нобахшиданист. Зеро чунин амали номатлуб кирдори бад хонда шуда, таъсири манфии хешро ба аҳолӣ ва паст гаштани маърифати исломии онҳо хоҳад расонид. Аз ҷониби баъзе муллоҳо имрӯз барои никоҳ, хондани фотиҳа барои гузаштагон, хатми Қуръон, ташриф овардан ба тӯю маъракаҳои аҳолӣ, дафни фавтидагон ва ғайра «нарх»- ҳо муқаррар шудааст, ки нобахшиданист. Аз ҷониби дигар, саволе ба миён меояд, барои чӣ мардум аз чунин амалҳои муллоҳои бизнесмен бетарафанд? Дар мубориза ба чунин ашхосҳо ташаббускор нестанд? Дуруст, муллоҳои тоҷир онҳоро пурра ба боварии худ даровардаанд. Дар сурати ошкор гаштани амали онҳо, вой бар ҳоли чунин шаҳрвандон, ки бар зидди онҳо бархостаанд. Зеро баъд аз ин ҳама, аз ҷониби муллоҳои тоҷир онҳо радди маърака, мегарданд. Муллоҳо худро ҳомии ислом эълон намуда, ба ҳар гуна роҳу усулҳои ғайридинӣ даст зада, оқибат эътибору муқаддасоти диниро ҷиддан халалдор месозанд. Барои пешгирии чунин амалҳо, бояд устодон ва мударрисони мактабҳои динӣ, бояд фаъол бошанд ва ҳар чӣ тавонанд, дар ошкор намудани амалҳои номатлуби муллоҳои тоҷир, аз ҳар воситаю усули муборизаҳо пурсамарона истифода баранд. «Фурӯш»-и никоҳ, хатми Қуръон, фотиҳаро, нодуруст маънидод намудани арзишҳои дини мубини исломро ҳамчун ҷинояти

хафнок ва зараровар ба маънавиёту фарҳанги исломӣ, баррасӣ намуда, дар ин замина, ба гирфтани пеши роҳи чунин зуҳуроти номатлуб хотима бахшем.

Баҳри зиндагии шоиста, рушди ақли солим, ҳимати баланди ислом, фарҳанги тозаи исломӣ ба чунин муллоҳои тоҷир, ки ба ҷои меҳнати арзанда, ба фаъолияти номатлуби зидди мардум машуғланд, ҳар як шаҳрванди кишвар метавонад мубориза барад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, ба тарбияи дурусти кӯдакон ва наврасон эътибор додан, оид ба расму оини пешқадами ниёгон, меросу ахлоқи гузаштагон вусъат бахшидан ва баргузории маҷлисҳои падару модарон дар муассисаҳои таълимӣ, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бояд аҳамияти ҷиддӣ дод.

Бояд кайд намуд, ки мубориза бар зидди ин падидаҳои номатлуб дар шароити имрӯзаи ҷомеа вазифаи ҳар яки мо буда, пас зарур аст, ки миёни ҷомеа корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғу ташвиқро дар асоси қонунҳои амалкунандаи кишвар дуруст ва сари вақт ба рох монем. Имрӯзхо ба ҳамагон маълум аст, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ дар мубориза бар зидди ин хатарҳои муосир дар сатҳи баланди қонунӣ амалӣ гардида, ҳамчун давлати ташаббускор мақсади асосиаш мубориза бар зидди ин хатарҳо мебошад.

Дар хотима қайд намудан зарур аст, ки мо танҳо дар сурати бетараф набудан, пурзур намудани кӯшишҳои зиёиён, намояндагони созмонҳои касбӣ ва ҷамъиятӣ, қавм ва мазҳабҳо, бо иштироки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварамон, васеъ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ - тарғиботӣ ва дар ниҳоди шаҳрвандон бедор намудани ҳисси оштинопазир ба тамоюли экстремизм ва терроризм метавонем қатъиян истодагарӣ намоем.

М. Файзуллоев

Д.и.и., профессор, декани факултаи иқтисодии ДСРТ